***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ***

Диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна ба яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи адабиётшиносӣ – таҳқиқи назарии хусусиятҳои асосии ғоявӣ-мавзуӣ, масоили сабкӣ, поэтикӣ, чеҳрапардозӣ ва шахсият дар осори насрии Садриддин Айнӣ бахшида шудааст, ки то имрӯз мавзуҳои мавриди назар дар осори ӯ дар қолаби рисолаи ҷудогонаи илмӣ шарҳу баррасӣ ва муайян нагардидааст.

Аҳамияти назарии диссертатсияи мазкурро метавон чунин арзёбӣ намуд, ки дар адабиётшиносии тоҷик дар замони истиқлолият бори аввал консепсияи бадеию чеҳранигорӣ, паҳлуҳои маърифатию зебоишинохтӣ, вусъати диду назари ҳунарӣ ва эҷодии осори насрии устод С. Айнӣ дар иртибот бо замон ва арзишҳои миллӣ арзёбӣ мешавад. Дар ин замина, осори нависанда таҳлил шуда, қонунияти назарӣ ва амалии таҷассуми симои адиб ва равшанфикрони даврони тасвиргардида муайян карда мешавад. Дар диссертатсия барҷастагии шахсияту симои С. Айнӣ дар «Ёддоштҳо» нишон дода шуда, ҳамчун иштирокчии фаъолу неруманд, наҷиб, мушоҳид ва таҳлилгари ҳассос таҷассум мегардад. Шахсияти С. Айнӣ ҳамчун адиби тавоно дар тарсими арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, афкори бадеӣ, фалсафӣ ва маърифатӣ таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Аз муҳтавои автореферат маълум гардид, ки диссертатсияи аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** зарурати таҳқиқ ва моҳияти мавзуъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Инчунин, методи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назарӣ ва амалии он мушаххас ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст. Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор дар доираи талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам омадаанд.

Боби аввали диссертатсия «**Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори устод С. Айнӣ»** буда, он ба мавзуи **давраҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳрапардозӣ дар осории насрии устод С. Айнӣ** бахшида шудааст. Дар ин бахш муаллиф тавонистааст, то ба таври муфассал таҳқиқу баррасии масъалаи мазкурро дар осори устод С.Айнӣ дида барояд ва ба дунёи эҷодии нависанда ворид шуда, хусусиятҳои сабкию ҳунарии вайро муайян созад.

Боби дуюм кор **«Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** унвон гирифтааст, ки дар ду фасли он консепсияи бадеии насри муосири тоҷик дар мисоли таҷассуми симои равшанфикрон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Инчунин, тасвири симои шахсияти таърихию ҳунарӣ ва чеҳраҳои равшанфикрони Бухоро мунъакис шудааст. Муаллиф «Ёддоштҳо» - и устод Айниро дар адабиёти шуравии тоҷик нахустин асаре ҳисобидааст, ки дар он воқеаҳои муҳимтарини муборизаи синфӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри XIX дар он таҷассум ёфтаанд.

Боби сеюм **«Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ»** ном гирифта, дар ду боби он як қатор корҳои илмию бадеии муҳаққиқон ва адибон таҳлил гардида, рисолати иҷтимоӣ, шахсият ва симои Аҳмади Дониш муайян шудааст. Муаллиф Аҳмади Донишро аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар Аморати Бухоро дониста, нақши меҳварии афкори ӯро ислоҳоти ҷомеаи иҷтимоӣ муайян намудааст.

Диссертант аз баррасии мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ ба хулоса ва натиҷагириҳои лозима расида, онҳо дар 10 банд манзури хонанда карда шудаанд.

Қобили зикр аст, ки диссертант барои дар ин шаклу сурат омода намудани автореферат талошҳои зиёд ба харҷ дода, ба натиҷаҳои чашмрас комёб шудааст. Аммо дар баробари комёбиҳо баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар муқаддимаи кор диссертант доир ба омӯзишу таҳқиқи зиндагиномаву осори устод Айнӣ ба андешаҳои донишмандону адибони машҳури гуногунзабон такя намудааст. Хуб мешуд, агар номи тарҷумони асарҳои устод Айнӣ ба забони ҳиндӣ – Раҳул Санкритянро ҳам зикр

мекарданд, зеро вай қариб ҳамаи осори насрии С. Айниро ба ҳиндӣ тарҷума намуда, шахсияти ӯро ба ҷомеаи адабии Ҳинд ошно намудааст.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳифаҳои 4, 9, 16, 18) низ ба назар мерасанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзуи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» кори анҷомёфта буда, ба талаботи таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илми филология, муаллими калони
кафедраи филологияи Ҳинди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Латифов А.Д.
«15» майи соли 2023.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Борбад, бинои 93/1, ҳуҷраи 9
Тел.: (+992) 98 519 28 06
E-mail: alikhon.tj@gmail.com

Имзои Латифов Алихонро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«15» майи соли 2023.